# Меъёри бозтамвил 0,5 банди фоизӣ паст карда шуд.

Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон №43, аз 31 июли соли 2025 ҷиҳати 0,5 банди фоизӣ паст намудани меъёри бозтамвил ва дар сатҳи 7,75 фоизи солона муқаррар намудани он қарор қабул гардид. Қарори мазкур дар асоси маводи таҳлилии манзуршуда, аз ҷумла муътадилии нархҳои дохилию ҷаҳонии молу маҳсулот, нисбатан устуворшавии қурби пули миллӣ, дар ҳудуди поёнии ҳадафи муқаррааргардида қарор доштани сатҳи таваррум ва муътадил будани интизориҳои таваррумӣ қабул карда шуд.